Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
23 апрели соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,
рақами бақайдгирӣ 925

# ҚАРОРИ КУМИТАИ ДАВЛАТИ ИДОРАИ ЗАМИН ВА ГЕОДЕЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 12 апрели соли 2018 №37 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби додан, иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ

"200.010.000"

Дар асоси сархати 13 моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он"

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Тартиби додан, иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгири давлатӣ тасдиқ карда шавад(замима мегардад).

2. Қарори мазкур бо тартиби муқарраргардида ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Қарори мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми раис гузошта шавад.

Раис Қ. Ҳакимзода

Бо қарори Раиси Кумитаи
давлатии идораи замин ва
геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 апрели соли 2018 таҳти
№37 тасдиқ карда шудааст

# ТАРТИБ ДОДАН, ИВАЗ НАМУДАН ВА АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ НАМУДАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИ ДАВЛАТӢ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби додан, иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ (минбаъд-Тартиб) дар асоси сархати сенздаҳуми моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» таҳия гардида, тартиби додан, иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатиро муайян менамояд .

2. Дар асоси моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқулқ ва ҳуқуқҳо ба он» тасдиқи бақайдгирии давлатии ташкилёбӣ, тағйирёби, пайдоиш, гузаштан, қатъи ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои (гаронии) ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул бо роҳи ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ анҷом дода мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

3. Анҷом додани бақайдгирии давлатии ташкилёбӣ, тағйирёбӣ, қатъи мавҷудият, пайдоиш, гузариш, қатъи ҳуқуқҳо ва маҳдудиятҳои (гаронихои) ҳуқуқҳо ба молу мулки ғайриманқул бо роҳи ворид намудани сабтҳо дар варақаи бақайдгирӣ амалӣ карда мешавад.

4. Мутобиқи қисми 3 моддаи 143 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоме, ки ҳуқуқи ашёи ғайриманқул ва аҳдҳои вобаста ба онро ба қайди давлатӣ мегирад, вазифадор аст бо дархости шахси ҳуқуқдор бо роҳи додани ҳуҷҷат дар бораи ҳуқуқ ё аҳдҳои бақайдгирифташуда ё имзо гузоштан ба ҳуҷҷате, ки ҷиҳати бақайдгирӣ пешкаш гардидааст, амали бақайдгириро тасдиқ намояд. Тартиби мазкур аз ҷониби бақайдгирандагони ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

5. Барои объектҳои бақайдгирифташуда шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода мешавад. Шакли шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо қарори раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 январи соли 2018, №5 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 январи соли 2018, №916 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №32 шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ қоғази қимматнок буда, бо ранги сурхи паст омода карда мешавад. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз рангҳои ултрабунафш, нақшҳои гуногунранг, рангҳои махсус, ҷумлаҳои хурд (микротекст), ки ноайён ва зери шуои ултрабунафш дидашаванда аст, тайёр карда мешавад, ки онро аз сохтакорӣ ҳифз менамояд. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар давоми 7 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули ҳуҷҷатҳои барои анҷом додани бақайдгирии давлатӣ пешниҳодшуда тибқи Тартиби мазкур анҷом дода мешавад. Дар ҳолати иҷрои ҳаҷми зиёди корӣ барои анҷом додани амалиёти бақайдгирӣ зарур ин амалиёт дар муддати 14 рӯзи корӣ анҷом дода мешавад.

Ҳангоми додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ сабтҳои он бо сабтҳои варақаи бақайдгирӣ бояд мутобиқат намояд. Ба объектҳои биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ, иншоот ва объектҳои сохтмонии нотамом бо қитъаҳои замини ба ҳам вобаста, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода шуда, амали ба қайди давлатӣ гирифта шудани молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он тасдиқ карда мешавад.

Вобаста ба қатъи ҳуқуқҳо нисбат ба молу мулки ғайриманқул танҳо дар асоси муроҷиати соҳибҳуқуқ, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дода мешавад. Нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба парвандаи бақайдгирӣ ҳамроҳ карда мешавад.

6. Ҳангоми ба қайди давлатӣ гирифтани яке аз объектҳои ба ҳам вобаста, шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар асоси сабтҳои варақаи бақайдгирӣ дода мешавад.

Дар мавридҳои минбаъда пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда ба объектҳои ба ҳам вобаста, объекти номбурда бо тартиби муқарраргардида ба қайди давлатӣ гирифта шуда, шаҳодатномаи қаблӣ гирифта мешавад ва ба объектҳои ба ҳам вобаста як ҳуҷҷат оид ба тасдиқи ҳуқуқҳои бақайдгирифта шуда дода мешавад.

7. Ба иштирокчиёни моликияти умумии якҷоя шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар асоси сабтҳои варақаи бақайдгирӣ дар як нусха дода мешавад.

8. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба ҳар як иштирокчиёни моликияти ҳиссагӣ дода мешавад. Ҳамзамон, дар паси шаҳодатнома дар бораи

бақайдгирии давлатӣ соҳибҳуқуқони дигар ҳиссаҳо сабт карда шуда, бо имзо ва мӯҳри бақайдгиранда тасдиқ карда мешавад.

9. Ҳангоми дар қитъаи замини тақсимнашаванда мавҷуд будани ҳиссаҳо ба молу мулки ғайриманқул, ба ғайр аз маълумотҳои сатри «масоҳати умумии қитъаи замин, намуд ва муҳлати истифодаи он», калимаҳои «қитъаи замини тақсимнашаванда» сабт карда мешавад.

10. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар рӯзи ба ташкилоти бақайдгирии давлатӣ ҳозир шудани соҳибҳуқуқ ё намояндаи ваколатдор дода шуда, дар дафтари баҳисобгирии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқ мутобиқи замимаи 1 сабт карда мешавад.

Рақами тартибии шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба тариқи пайдарҳамӣ дар давоми сол гузошта мешавад. Рақам ва санаи дар феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ба қайди давлатӣ гирифта шудани молу мулки ғайриманқул рақам ва санаи сабтҳои бақайдгирифташудаи молу мулки ғайриманқул дар варақаи бақайдгирӣ ба ҳисоб меравад.

11. Нотариуси давлатӣ ҳангоми тасдиқи нотариалии аҳдҳо шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатиро ба ҳуҷҷатҳои парвандаи объекти мазкур, ки таҳти тасдиқи нотариалии аҳдҳо қарор дорад, ҳамроҳ менамояд.

## 3. ИВАЗ НАМУДАНИ ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

12. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар ҳолатҳои зерин иваз карда мешавад:

- корношоям гардидани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;
- ошкор гардидани иштибоҳ дар сабтҳои шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;
- ворид шудани сабтҳо ба варақаи бақайдгирӣ, бинобар тағйир ёфтани насаб, ном ва (ё) номи падари соҳибҳуқуқ.

13. Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар асоси муроҷиати соҳибҳуқуқон (ё намояндаи ваколатдор) дар ҳолате дода мешавад, ки ин ҳуқуқҳо дар асоси сабтҳои варақаи бақайдгирӣ ба ӯ тааллуқ доранд.

14. Дар асоси зербандҳои 1 ва 2 банди 12 соҳибҳуқуқ ё (намояндаи ваколатдор ) бо ариза ба ташкилотҳои бақайдгирии давлатии дахлдор муроҷиат менамояд. Ба ариза нусхаи шиноснома ва нусхаи аслии шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ замима мешавад.

Дар мавриди ивази шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бинобар тағйир ёфтани ном, номи падар ва насаби соҳибҳуқуқ дар баробари ҳуҷҷатҳои дар банди

мазкур пешбинигардида, ҳуҷҷати тасдиққунанда – «нусхаи шаҳодатнома дар бораи иваз намудани насаб, ном ва (ё) номи падар», ки аз ҷониби мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода шудааст, инчунин барои шахси ҳуқуқи – “нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ”, ки аз тарафи мақоми ваколатдор дода шудааст, илова карда мешавад.

15. Бо дархости соҳибҳуқуқ дар асоси банди 12 Тартиби мазкур шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ иваз карда мешавад. Ҳангоми додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар қисми болои рости он, дар қавс, калимаи «такрорӣ» сабт карда мешавад.

Дар паси шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ асосҳои дода шудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии такрорӣ, ки дар банди 12 Тартиб оварда шудааст, инчунин калимаҳои «бар ивази шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ», ки қаблан дода шуда буд, рақам ва санаи он сабт карда мешавад. Шаҳодатномаҳо дар бораи бақайдгирии давлатии қаблӣ ва нусхаи такрорӣ ба парвандаи бақайдгирӣ ҳамроҳ карда мешавад.

## 4. АЗ ЭЪТИБОР СОҚИТ НАМУДАНИ ШАҲОДАТНОМА ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТӢ

16. Аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар ҳолатҳои зерин амалӣ мегардад:

- бекор карда шудани сабтҳои варақаи бақайдгирӣ дар асоси қарори суд;

- гум шудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;

17. Бекор гардидани сабтҳо дар варақаи бақайдгирӣ боиси аз эътибор соқит гардидани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ мегардад.

Дар мавриди бекор гардидани сабтҳо дар варақаи бақайдгирӣ оиди аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ дар рӯзнома эълон дода мешавад. Эълони дар рӯзнома чопшуда ба парвандаи бақайдгирӣ ҳамроҳ карда мешавад.

18. Дар мавриди гум шудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ соҳибҳуқуқ ба ташкилоти бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза;

- нусхаи шиноснома барои шахси воқеӣ;

- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии шахси ҳуқуқи барои шахси ҳуқуқӣ;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи намояндаи ваколатдор ва нусхаи шиноснома (дар ҳолатҳои муроҷиат намудани намоянда);

- нашри эълон дар рӯзнома оид ба аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ.

19. Дар сатҳи рӯй ва паси шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ивазшуда ё аз эътибор соқит карда шудае, ки ба ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ ворид мегардад, бо аломати «Х» аз кунҷ ба кунҷ хат зада мешавад.

Ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи банди 18 Тартиби мазкур аз тарафи бақайдгирандагони ташкилотҳои бақайдгирии давлатӣ ба парвандаи бақайдгирӣ ҳамроҳ карда шуда, дар асоси сабтҳои варақаи бақайдгирӣ соҳибҳуқуқ бо шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ таъмин карда мешавад.

Замимаи 1 ба Тартиби додан иваз намудан ва аз эътибор соқит намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ аз 12 апрели сооли 2018,

**(Номгӯйи ташкилоти бақайдгирии давлатӣ )**

## ДАФТАРИ БАҲИСОБГИРИИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАСДИҚКУНАНДАИ ҲУҚУҚ

| р\т | Санаи додани ҳуҷҷат | Намудҳои ҳуқуқ ва маҳдудиятҳои (гаронии) ҳуқуқ | Соҳибҳуқуқ | Суроғаи объекти молу мулки ғайриманқул | Рақами кадастрӣ | Мосоҳати объекти молу мулки ғайриманқул | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Қитъаи замин | Бино, (иншоот) |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

| **Оид ба супоридани маблағ** | | **Рақами силсилавии бланка** | **Насаб, ном ва номи падари бақайдгиранда** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|
| **Пардохтномаи хизматрасонии мақоми бақайдгиранда** | **Пардохномаи хироҷ ба буҷет** | | | |
| **9** | **10** | **11** | **12** | **13** |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |